5.9.9. [10.01.10] ИРТИБОТИ РАСОНАӢ ВА РӮЗНОМАНИГОРӢ
5.9.9. [10.01.10] МЕДИАКОММУНИКАЦИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА
5.9.9. [10.01.10] MEDIACOMMUNICATION AND JOURNALISM

***ТДУ 8Т***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-244-248***

# *НАШРИЯИ "САМАРҚАНД" – МУБАЛЛИҒИ АФКОРИ ПЕШРАВ*

***Шехов Абдуқодир Абдурауфович,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ "ДДХ ба номи акад .Б.Ғафуров;* ***Муродова Меҳрангез Муродовна,*** *магистранти соли 2 ихтисоси рӯзноманигории МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ГАЗЕТА «САМАРКАНД» – ПРОПАГАНДИСТ ПЕРЕДОВЫХ МЫСЛЕЙ*

***Шехов Абдукодир Абдурауфович,*** *к.ф.н., доцент кафедры журналистики и теории перевода ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова",* ***Муродова Меҳрангез Муродовна,*** *магистрант 2-го курса журналистики ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

# *NEWSPAPER «SAMARKAND» - ADVANCER OF ADVANCED THOUGHTS*

***Shekhov Abdukadir Abduraufovich,*** *Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Information and Communicational Technologies, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov"* ***Muradova Mehrengez Muradovna,*** *2nd year graduate student of Journalism*
***E-mail:****mehrafzun80@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *рӯзномаи "Самарқанд", садаи бист, маорифпарварон, М.Беҳбудӣ, М.Сироҷ, матбуот*

*Дар мақола муаллифон дар бораи яке аз нашрияҳои дузабонаи оғози садаи бист- «Самарқанд» маълумоти муфассалро пешниҳод намудааст. Бино ба таъкиди муаллифони мақола дар саҳифаҳои рӯзномаи «Самарқанд» маводи ҷолиби равшангарон ба монанди Абдурауфи Фитрат, Ҳоҷӣ Муин, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Ҳоҷи Мирзо Ибрат, Сиддиқӣ ва худи Беҳбудӣ дарҷ гардидаанд, ки тамоми масоили умдаи он замонро фаро гирифтаанд. Омӯзиши рӯзнома нишон медиҳад, ки нашрия бештар афкори пешраву ҳадафҳои волои маорифпарваронро ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ намуда, ҳамзамон аҳли ҷомеаро ба ислоҳи ҷомеа ва таълиму тадриси макотиби замона талаб намудааст.*

***Ключевые слова:*** *газета «Самарканд», двадцатый век, просветители, М.Бехбуди, М.Сиродж, пресса*

*В этой статье рассматривается значение прессы в духовном развитии народа и дается подробная информация об одном из двуязычных изданий начала двадцатого века – газете «Самарканд», которая была создана в апреле 1913 года известным просветителем этого периода Махмудходжой Бехбуди. Отмечается, что на страницах данной газеты издавались интересные материалы просветителей, таких как Абдурауф Фитрат, Ходжи Муин, Мирзо Сиродж Хаким, Ходжи Мирзо Ибрат, Сиддики и сам Бехбуди, освещавших все основные проблемы того времени. Изучение газеты показывает, что она поощряла возвышенные цели просветителей, на ее страницах демонстрировалась глубина их ума, и это было направлено на развитие общества и школ, функционировавших в те времена.*

***Keywords:*** *Samarkand newspaper, twentieth century, enlighteners, M. Behbudū, M. Siroj, press*

*In this article, the author reports that at the beginning of the twentieth century, Tajik enlighteners considered the importance of the national press for the development of the Tajik press and sought to spread this spiritual phenomenon as soon as possible and contribute to national awakening.*

*The article also contains detailed information about one of the bilingual Samarkand publications in the 21st century, and it was also mentioned that this newspaper was created in April 1913 by one of the well-known enlighteners of this period, Mahmudhodzha Behbudi. As noted in the article, the pages of the Samarkand newspaper contain interesting materials from educators such as Abdurauf Fitrat, Khoji Muin, Mirzo Siroj Hakim, Khoji Mirzo Ibrat, Siddiqi and Behbudi himself, covering all the main problems of that time. A study of the newspaper shows that the publication encouraged a deeper mind of the lofty goal of enlightening enlightenment, while correcting the public community and teaching modern schools.*

Дар оғози асри бист бо дарки зарурати нашрияи миллӣ маорифпарварони тоҷик рушди матбуотро ногузир дониста, пайи он талош намуданд, ки ин падидаи тозаи маънавӣ ҳар чи зудтар ва бештар миёни оммаи мардум паҳн бигардад ва дар бедории миллӣ саҳме бигузорад.

Дар ибтидои садаи бист инъикоси авзои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва сиёсии ҷомеа дар осори адабӣ ва публитсистии замон инъикос ёфтаанд. Бино ба андешаи муҳаққиқ Н.Маъсумӣ яке аз вазифаҳое, ки «дар шароити ибтидои асри XX дар назди адабиёти демократӣ гузошта шуда буданд, аз адибон равшанфикрӣ ва ҳақиқатнигориро талаб менамуданд» [1, с.106].

Таҷассуми воқеият маҳаки асосии навиштаҳои маорифпарварони тоҷикро ташкил медиҳад. Баёни воқеият ҳамчун нуктаи асосии эҷоди нигоштаҳои публитсистии равшангарони тоҷик, дар осори саромади наҳзати маорифпарварӣ Аҳмади Дониш ба сифати падидаи тоза ба таври барҷаста зоҳир мегардад, яъне аз ин метавон чунин бардошт намуд, ки Аҳмади Дониш барои ворид шудани масоили иҷтимоӣ ва воқеиятгароӣ ба осори адабию бадеӣ асос гузошт.

Воқеиятнигорӣ ва каломи муассири матбуот дар даҳаи аввали асри XX пеш аз ҳама ҳокимон, амалдорон ва руҳониёнро барои бастани рӯзномаҳо водор менамуд.Чунончи, баъзе аз рӯзномаҳои даҳаи аввали асри XX чун «Тараққӣ» (1906 20 шумора), «Шӯҳрат» (1907, 10 шумора) ва маҷаллаи «Красный солнышко» (1909- 1 шумора) далели ин гуфтаҳоянд. Нақши рӯзнома ва маҷаллаҳои хориҷи кишвар дар рушду густариши афкори ислоҳотхоҳонаи нерӯҳои таҷаддудхоҳи Осиёи Миёна барҷаста буд. Нашрияҳои «Чеҳранамо» аз Коҳира, «Ҳабл-ул-матин» аз Калкутта, «Сироҷ-ул- ахбор» аз Кобул , «Сироти-мустақим» аз Туркия бо ҳар роҳ ба Осиёи Миёна ворид мешуданд.

Дар охири садаи Х1Х ва ибтидои садаи XX «таъсис ва густариши рӯзномаҳои форсизабон аз як сӯ баёнгари нақш ва аҳамияти забони форсист ва аз сӯи дигар нишондиҳандаи ин амр аст, ки қаламрави забони форсӣ ҷуғрофиёи васеъро мепӯшонидааст» [2,с.16].

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ баҳори (апрел -А.Ш.,М.М) соли 1913 нашри рӯзномаи «Самарқанд»- ро оғоз намуд. Ин нашрия чун минбари баёни афкору ғояҳои пешрав дар муддати кӯтоҳ миёни хонандагон маҳбубият пайдо кард. Равшангарону адибони маърифатпараст низ нашри ин рӯзномаро хуш истиқбол гирифтанд.

Муҳаққиқи эронӣ И.Худоёр дар бобати мазмуну мундариҷаи нашрияи “Самарқанд” чунин натиҷагирӣ намудааст, ки ин рӯзнома “мубаллиғи афкори наҳзати ислоҳотталабони Осиёи Миёна, маъруф ба наҳзати ҷадидизм буд ва дар он мақолаҳо ва ашъори мухталиф дар бораи ақибмондагиҳои Туркистон ва ҳукумати Бухоро навишта мешуд» [7,с.18]

Равшангарони тоҷик дар канори Беҳбудӣ ҷамъ шуда, матолиби ҷолибе дар нашрия дарҷ намуданд. Ба андешаи мо чанд омил ба шуҳрат пайдо намудани рӯзнома мусоидат намудааст.

Аввалан, ин рӯзнома кору пайкори нахустин нашрияи тоҷикӣ «Бухорои шариф»-ро идома дод, чун нишон аз ҳастии миллат ва забони ӯ хидмати арзанда намуд. Матбуоти тоҷикии ибтидои садаи XX дар рушду ташаккули анвои гуногуни публитсистика ва адабиёт саҳм гузошт. Масалан, дар рӯзномаи "Бухорои шариф" ва маҷаллаи "Ойина" нашр гардидани сафарномаҳои Мирзо Ҷалол ва Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба рушди ин жанр заминаи мусоид гузоштанд.

Дар саҳифаҳои рӯзномаи “Самарқанд” тавре мушоҳида намудем, маводи ҷолиби равшангароне чун Абдурауфи Фитрат, Ҳоҷӣ Муин, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Ҳоҷи Мирзо Ибрат, Сиддиқӣ ва худи Беҳбудӣ дарҷ гардидаанд, ки тамоми масоили умдаи он замонро фаро гирифтаанд. Забон ва шеваи эҷоди осор ва навиштаҳои ин равшангарон содаву равон буда, дар бозгӯии мушкилот ва муаммои ҷомеаи он рӯз аҳамияти хосса доранд. Масалан, Ҳоҷӣ Муин дар яке аз навиштаҳояш "Боиси тараққӣ" аз нақш ва зарурати мактаб дар ҷомеа ёдовар гардида, гуфтааст:

«Мабдаи улум ва маориф мактаб аст, бе мактаб ҳеҷ яке аз инҳоро ҳосил наметавонем, як дарича чашми ибрат боз намоем ва ба ақвоми соираи мутамаддин назар андозем, чи сон барои мактаб ва маориф кӯшиш намудаанд, ки аз сад навад лоақал аз сад ҳафтод соҳиби илму ирфонанд» [8].

Дар нашрия бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва баъзан русӣ маводҳои пурарзише дарҷ гардидаанд, ки дар бозгӯии масоили умдаи ҷомеаи он давр аҳамияти хос доранд. Бино ба гуфтаи Беҳбудӣ «матбуоти ҳақиқӣ он аст, ки рӯи хотири касе накунад» (6, с.621). Аҳли эҷоди рӯзнома аз рӯи ин гуфтаҳо амал намуданд.

Дар як давраи кӯтоҳ шухрат пайдо намудани «Самарқанд» бо сарварии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар интихоби мавзуъ ва матолиб, ҷолибии сабки баёну шеваи нигориши он аст. Матолибе, ки дар навиштаҳои Беҳбудӣ баён гардидаанд, барои шинохти забони матбуоти он давра ва вазъи амалкарди забони адабӣ дар ибтидои садаи XX аҳамияти муҳим дорад.

Ӯ чун равшангари машҳур талош намудааст, ки дар навиштаҳояш иллатҳои рушд накардани ҷомеаро баён намуда, роҳҳои ҳалли муамморо нишон диҳад. Дар ин раҳгузар чанд омили рушд ва ислоҳи ҷомеаро баён медорад. Уламо ва сарватмандон яке аз омилҳои рушди ҷомеа мебошанд. Рушди ҷомеа ба гуфтаи Беҳбудӣ аз ҳиммату ғайрати онҳо сахт вобаста аст.

«Бояд сарватмандон барои дар руҳияи замона тарбият ёфтани миллат, каме маблағ сарф намоянд, чунончӣ мактабҳои усули навро бино намоянд. Барои одами замонавӣ тайёр намудан ҳаракат намоянд. Баҳри таълими насли навраси миллат ки дар мактабҳои миёна ва олии ҳукумат таҳсил менамоянд» [3, с.201], талошу ҷадал намуда, кӯмаки хешро дареғ надоранд. Беҳбудӣ дар боби кумаки тоҷирону сарватмандон ҳарф зада, бо ҳисси тааҷҷуб ва ҳайрат аз саховатмандии тоҷирони кишварҳои хориҷа ёдовар мешавад.Ба гуфтаи Беҳбудӣ «дар Туркистони мо ҳанӯз навбати ин корҳо наомадааст. Ҳар кас паи нафъи хеш ва корҳои шахсии хеш саргардон аст» [3, с.202].

Рушду пешрафти кишварҳои хориҷиро Беҳбудӣ аз баракати илму дониш дониста, аз набудани илму дониш дар ҷомеа ёдовар шуда, ботаассуф чунин мегӯяд:

«Дар ҷомеаи имрӯза беилмӣ он қадар зиёд шудааст. Мо мусулмонем, илм лозим асту амал. Хондан лозим, барои чӣ дар миллатҳои дигар аз сад нафар як нафар бесавод нест. Дар мо бошад, аз сад нафар як саводнок нест? Наврасони миллатҳои дигар дар мактаб ҳастанд, лекин аз они мо дар ҳаммолию гадоианд» [3, с. 202-203].

Ба андешаи Беҳбудӣ агар имрӯз ба ислоҳи мактабу мадраса, яъне ислоҳи ҷомеа кӯшиш нанамоем, фардо дер хоҳад шуд. Дар нашрияи «Самарқанд» ҳамаҷониба омӯзиши илму фанни замонавӣ ва динӣ тарғиб гардидааст, то ин ки омма ба қадру қимати илму дониш бирасанд. Дар мақолаи «Миллатҳо чӣ гуна тараққӣ мекунанд?» авомили аслии рушди ҷомеа ва ташаккули афкори омма аз ташкили ҷамъиятҳои хайрия, китобхонаҳо, рӯзномаҳо ва ғайраҳо башумор омадааст:

«Баҳри ислоҳи мактабу мадорис, омодасозии наврасон дар мактабҳои русӣ, рушди санъат ва (илми) деҳқонӣ «ҷамъиятҳои хайрия», «нашри маориф», «қироатхонаҳо», «фондҳо», «маҳфилҳо», «ҷаридаҳо», «маҷаллаҳо», «нашриётҳо»… заруранд».

Маро ба таҷриба маълум шуд дар ҳар кор,
Ки қадри мард ба илм аст қадри илм ба мол. [4]

Равшан аст, ки ҳар навиштаи ин равшангари машҳур мавзуи мубрами он рӯзро фаро гирифта, ҳаводис ва мушкилоту муаммои ҷомеаро ба таври воқеӣ мунъакис намудааст. Таълими илму дониши замонавӣ дар мактабҳо миллатро аз бесаводӣ, бемаънавиятӣ ва нестӣ раҳоӣ мебахшад. Вазъи ногувори таълиму тадрис водор кардааст, ки мактабҳои кишварро бо макотиби хориҷӣ қиёс кунад:

«Ба миллатҳои дигар нигоҳ кунед, бубинед, мактабҳои мунтазам доранд ва дар мактабҳо дар қатори илмҳои динӣ илму фанни дунявӣ лозим аст. Миллатҳое, ки аз илму фанни замона бебаҳраанд, поймоли миллатҳои дигар мегарданд» [4].

Нуктаи дигар рӯй овардан ба қонуну қоидаҳои ҷорӣ аст:

Ба андешаи муаллиф имрӯз аз қонун ва одатҳои Аврупо бойҳо, қозӣ ва аҳолӣ ташвишу зарари зиёд мебинанд. Замони пеш фақат донистани шариат кифоя буд. Акнун қонун ва қарорҳоро донистан лозим аст. Илми шариатро дар мадрасаҳо, илми қонунро дар дорулфунунҳои Русия мебояд хонд.

Беҳбудӣ донистани ҳуқуқу қонунро ба аҳли ҷомеа зарур дониста, таъкид менамояд, ки ҷавонони болаёқатро ба Русия бояд фиристод, то он ки он ҷо таҳсили илм намуда, ҳуқуқшинос шаванд.

«Ҳар ҳуқуқшинос ба нафъи миллати хеш, қавми хеш, Ватану давлати хеш» [4] талош менамояд.

Муаммо ва мушкилоте, ки Беҳбудӣ таъкид мекунад, инҳоянд:

1. Ба ислоҳ ва таҷдид ниёз доштани ҷомеа дар сохторҳои мухталиф;

2.Мушкилоти асосӣ нарасидан ва набудани мутахассисони соҳаҳои гуногуни ҷомеа аст, ки дар аксари навиштаҳои Беҳбудӣ ба он ишора шудааст. Алалхусус, дар яке аз мақолаҳои пурарзиши дорои аҳамияти таърихӣ «Эҳтиёҷи миллат» ин масъала мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Унвони навишта ҳам эҳтиёҷи ҷомеа ва миллатро ифода мекунад. Дар нигоштаи мазкур мавзуъ ва мушкилот хеле огоҳона таҳлил шуда, дар ин замина мисоли фаровон оварда шудаанд.

«Сарамон дард кунад, назди духтур меравем, аммо барои баёни дардамон забонро намедонем. Худамон духтур надорем» [ 3].

Ин мавзуъ дар аксари осору навиштаҳои равшангарони давр баён гардидааст. Чунончи, дар яке аз шеърҳои Абдулвоҳиди Мунзим дар ин мавзуъ мехонем:

Миллати тоҷик то гардад халос аз дарди ҷаҳл,
Духтари тоҷикро духтур мебоист кард.
Фош мегӯям, ки мастурист айби духтарон,
То ба кай ин айбро мастур мебоист кард [ 4].

Ба ин тариқ, рушди ҷомеа ва пешрафти соҳаҳои мухталиф, ободӣ ва бунёдкорӣ дар ҷомеа ба мутахассисон вобаста аст. Беҳбудӣ мегӯяд:

«Хонапӯш шавем, нақша- лоиҳа лозим аст, ба инженер муҳтоҷем. Аммо мо ҳанӯз, мафҳуми «муҳандис»-ро намедонем» [3].

Бояд гуфт, ки масъалаи набудани муҳандис дар ҷомеаи онрӯза дар осору навиштаҳои равшангарони дигар чун Саидризо Ализода, Мирзо Сироҷи Ҳаким низ қайд гардидааст.

Беҳбудӣ, ки нақши матбуотро дар ташаккул ва густариши афкору ҷаҳонбинии омма дарк карда буд, талош намудааст, ки диққати аҳли ҷомеаро ба ин мушкилоти ҳалталаби рӯз ҷалб намояд. Дар саҳифаҳои рӯзномаи «Самарқанд» ба ҷуз тарғиби мактабу маорифи нав рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии шаҳри Самарқанд ва соири шаҳрҳои Туркистон ва Русияву мамлакатҳои ҷаҳон низ дарҷ гардидаанд, ки барои ошноии мардум бо иттилооти тозаи кишварҳо муҳим буданд.

Дар нашри рӯзномаи «Самарқанд» (1913) ба Беҳбудӣ равшангарони машҳури давр чун Сиддиқии Аҷзӣ, Ҳоҷӣ Муин, Саидризо Ализода, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат ва чандин равшанфикрони дигар кумак мерасонданд. Навиштаҳои онҳо бо гуногунрангии мавзуъ ва фарогирии матолиби умдаи рӯз тавофут доранд.

Дар шумораҳои рӯзнома мақолаҳои ҷолибе чун «Улум ва инсоният» (№ 39, 27. 08.1913), «Тоҷирони Хуҷанд» (№38,23. 08. 1913), «Мактаби расм (акс) дар Хуҷанд» (№36, 16. 08. 1913), «Бухоро» (№ 30, 26. О7. 1913), «Аз идора» ( № 31, июл 1913), «Қаршӣ» (№ 32, 6. 08. 1913), «Мактуб бо идора», «Ташаккур» (№ 33, 6. 08. 1913), «Шумораи ҷароиди муҳими дунё» (№32, 2. 08. 1913), «Ҷамъияти мусулмонони Тошканд», «Маҷлиси миллат дар Миср» (№ 37, 20. 08. 1913), «Аҳволи Бухоро» (№40,30.08.1913), «Ба муаллимон-афандиҳо» (№ 43, 10 1Х. 1913), «Муроҷиат ба миллат» (№ 45, 17. 1Х. 1913) ва чандин маводи дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ нашр гардидаанд. Инчунин дар саҳифаҳои рӯзнома эълонҳо низ ҷой доранд. Намунаи ашъори шоирони давр низ дар саҳфаҳои рӯзнома ба назар мерасанд. Чунончи, шеърҳои Тошхоҷа Асирӣ бо унвони «Қасида дар боби усули ҷадид» ва «Алвидоъ» дар як шумораи рӯзнома дарҷ гардидаанд:

Иди рамазон омаду моҳи рамазон рафт,
Сад шукр, ки ин омаду сад ҳайф, ки он рафт.
Омода нагаштем ба тасбеҳу таробеҳ,
Аз дасти ман ин фурсати ризвон ба фиғон рафт. (№37,20.08.1913)

Таҳқиқу баррасии навиштаҳои рӯзномаи «Самарқанд» барои омӯзиши афкори равшангарон, тадқиқи ҳаводис ва авзои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи он рӯз нақши муҳимме мебозанд. Омӯзиши рӯзнома нишон медиҳад, ки нашрия бештар афкори пешраву ҳадафҳои волои маорифпарваронро ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ намуда, ҳамзамон аҳли ҷомеаро ба ислоҳи таълиму тадриси макотиби замона ҷалб намудааст. Таҳқиқи мазмуну мундариҷаи нашрияи мазкур метавонад пеш аз ҳама дар шинохти омӯзаҳои маорифпарварони тоҷик ва ҳамзамон дар кушоиши бисёре аз паҳлуҳои норӯшани он замон мусоидат намояд.

## АДАБИЁТ:


1.Ковиёнӣ, Н.-Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме…Баргардонанда Гулбаҳор Муродӣ, Прага. –рӯзн. - Фараж. №№8, 9, 10…феврал-март, 2008.
2.Маъсумӣ, Н.- Асарҳои мунтахаб.Ҷ.1.Адабиётшиносӣ ва танқид. Душанбе: «Ирфон», 1977-206 с.
3.Маҳмудхӯжа Беҳбудӣ Танланган асарлар (Истиқлол қаҳрамонлари).– Тошкент: “Маънавият”, 1999.–280 с.
4.Маҳмудхӯжа, Беҳбудӣ- Эҳтиёжи миллат.- /Самарқанд,№26,12-июл,1913.
5.Маҳмудхӯжа, Беҳбудӣ -Миллатлар қандай тараққӣ этарлар.- /Самарқанд, №31, 30-июл, 1913.
6.Маҳмудхӯжа, Беҳбудӣ-Танқид сараламоқдур-//Ойина, №32,сентябри 1914,с.621
7.И.Худоёр- Ғарибаҳои ошно, Теҳрон, 2009. с.82
8.Ҳоҷӣ Муин - Боиси тараққӣ //Самарқанд, №39, 27-августи 1913)


## REFERENCES:


1. Koviyani, N. - May the smell of the Mulian stream come to everyone... Translated by Gulbahar Murodi, Prague. - day - Faraj. No. 8, 9, 10...February-March, 2008.

2. Masumi, N.- Selected works. V. 1. Literary studies and criticism. - Dushanbe: Cognition, 1977-206 p.
3. Mahmudhoja Behbudi Selected works (Heroes of Independence).- Tashkent: Spirituality, 1999.-280 p.
4. Mahmudkhoja, Welfare - The needs of the nation.- / Samarkand, No. 26, July 12, 1913.
5. Mahmudkhoja, Behbudi - How nations develop.- /Samarkand, #31, July 30, 1913.
6. Mahmudkhoja, Improvement-Criticism of Saralamakdur-//Oyina, No. 32, September 1914, p. 621
7. I. Khudoyar- Familiar Faribaoi, Tehran, 2009. p.82
8. Haji Muin - The cause of development // Samarkand, No. 39, August 27, 1913)